## Шарҳи моҳонаи таваррум • ДЕКАБРИ 2023

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи декабри соли 2023 0,4 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,2 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

Дар моҳи мазкур болоравии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 0,6 фоиз ва молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,3 фоиз ба амал омад. Нархи хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бошад, дар моҳи мазкур бетағйир боқӣ монд.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ дар моҳи декабр асосан болоравии нархи помидор 35,1 фоиз, бодиринг 14,6 фоиз, ангур 8,8 фоиз, картошка 3,7 фоиз, тухм 1,7 фоиз, нок 0,9 фоиз, шир 0,8 фоиз, гушти мурғ 0,5 фоиз, гушти гов 0,2 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Раванди мазкур асосан дар натиҷаи таъсири омилҳои мавсимӣ ва зиёд гардидани талабот ба баъзе аз молу маҳсулот ба арзёбӣ мегардад.

Инчунин, дар ин давра пастравии нархи баъзе аз маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла сабзӣ 14,3 фоиз, орди навъи якум 3,6 фоиз, пиёз 3,4 фоиз, шакар 1,4 фоиз, биринҷ 0,8 фоиз ва карам 0,7 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, дар моҳи декабри соли ҷорӣ бештар қиматшавии нархи маҳсулоти дорӯворӣ 4,5 фоиз ва либос ва пойафзол 0,6 фоиз мушоҳида гардид. Дар баробари ин нархи маводи сӯзишворӣ аз қабили нархи гази моеъ 10,3 фоиз ва бензини АИ-92 8,3 фоиз раванди коҳишёбӣ доштанд.

Тибқи маълумоти омори расмӣ сатҳи таваррум дар моҳи декабри соли 2023 дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 2,9 фоиз, Беларус 0,9 фоиз, Арманистон 0,9 фоиз, Қазоқистон 0,8 фоиз, Ӯзбекистон 0,7 фоиз, Россия 0,7 фоиз, Қирғизистон 0,3 фоиз ва Гурҷистон -0,3 фоизро ташкил намуд.

**Таварруми моҳона ва солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррумии солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)

| Кишварҳо | Таваррумии моҳона (дек. с.2023) | Таваррум дар соли 2023 |
|---|---|---|
| Туркия | 2,9 | 64,8 |
| Беларус | 0,9 | 5,8 |
| Арманистон | 0,9 | 0,6 |
| Қазоқистон | 0,8 | 9,8 |
| Ӯзбекистон | 0,7 | 8,8 |
| Россия | 0,7 | 7,4 |
| **Тоҷикистон** | **0,4** | **3,8** |
| Қирғизистон | 0,3 | 7,3 |
| Гурҷистон | -0,3 | 0,4 |

**Сатҳи таваррум дар соли 2023 бошад, дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок *(6% ±2 банди фоизӣ)* ҷамъбаст гардида, 3,8 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба соли қаблӣ 0,4 б.ф. кам мебошад.**

Дар соли 2023 сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 64,8 фоиз, Қазоқистон 9,8 фоиз, Ӯзбекистон 8,8 фоиз, Россия 7,4 фоиз, Қирғизистон 7,3 фоиз, Беларус 5,8 фоиз, Арманистон 0,6 фоиз ва Гурҷистон 0,4 фоизро ташкил менамоянд.

Сатҳи таваррумӣ аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи декабр ба 0,3 фоиз ва дар соли 2023 бошад, ба 1,8 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум минбаъд низ идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслии солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)* | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вазн,% | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | | | | | 2023 | | | | | | | Дек тағйирёбии моҳона, % |
| | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Март | Июн | Сен | Окт | Ноя | Дек | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,4** | **8,0** | **7,8** | **7,3** | **8,3** | **5,7** | **4,2** | **4,3** | **3,6** | **2,4** | **5,1** | **4,4** | **3,7** | **3,8** | **0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **47,9** | **11,4** | **13,5** | **7,5** | **6,8** | **7,2** | **9,6** | **7,9** | **5,2** | **5,3** | **4,3** | **1,1** | **5,8** | **4,8** | **3,1** | **3,4** | **0,5** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 12,7 | 16,5 | 13,8 | 4,0 | 4,8 | 11,0 | 24,6 | 13,0 | 4,7 | 2,5 | -2,6 | -8,7 | 2,3 | 6,1 | 5,7 | 6,4 | -1,8 |
| Биринҷ | 2,5 | 7,6 | 3,2 | -7,5 | -7,5 | -5,7 | -1,2 | 1,7 | 9,1 | 15,9 | 21,6 | 54,1 | 54,8 | 50,9 | 48,5 | 45,3 | -0,8 |
| Орд | 6,1 | 21,0 | 16,4 | 8,0 | 8,8 | 18,0 | 38,3 | 18,3 | 2,8 | -4,8 | -12,6 | -30,1 | -14,8 | -9,2 | -9,0 | -7,3 | -3,6 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,8 | 21,8 | 5,7 | 15,1 | 15,3 | 9,8 | 0,3 | -2,4 | -0,8 | 0,0 | -0,2 | 5,3 | 6,8 | 6,2 | 4,8 | 3,8 | 0,3 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 6,2 | 14,9 | 15,1 | 7,7 | -4,9 | -8,5 | -4,8 | -3,6 | -2,5 | 6,5 | 9,3 | 8,1 | 6,4 | 5,7 | 0,2 |
| Тухм | 1,7 | 6,3 | 18,9 | -14,4 | -24,0 | -21,2 | -12,1 | 17,4 | 43,1 | 48,3 | 40,4 | 19,6 | 0,3 | -8,3 | -32,8 | -30,6 | 1,7 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 6,4 | 4,3 | 8,9 | 7,7 | 23,6 | 23,9 | 25,4 | 25,4 | 28,8 | 14,7 | 8,6 | 5,2 | 4,9 | 3,1 | 2,2 | 0,8 |
| Шир | 0,7 | 7,3 | 5,6 | 4,3 | 4,0 | 15,4 | 21,3 | 11,6 | 20,4 | 23,2 | 18,5 | 8,9 | 6,7 | 10,6 | 6,2 | 3,5 | 3,0 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 42,3 | 20,8 | 20,5 | 12,4 | 4,3 | -2,7 | -10,6 | -11,3 | -11,2 | -28,9 | -22,7 | -22,4 | -24,4 | -24,5 | -2,7 |
| Меваҷот | 4,4 | -2,2 | 4,7 | -6,7 | -6,6 | -8,3 | -6,1 | -8,8 | -6,9 | -5,8 | 1,5 | 13,9 | 28,8 | 27,9 | 30,5 | 33,1 | 4,4 |
| Сабзавот | 7,3 | 15,4 | 5,8 | 16,4 | 11,6 | 6,3 | 1,8 | 14,9 | 12,1 | 14,8 | 23,1 | 17,1 | 18,1 | 4,0 | 1,4 | 0,0 | 3,7 |
| Шакар | 1,6 | -5,1 | 40,8 | 4,4 | 4,3 | 6,9 | 22,0 | 12,0 | 6,2 | 2,0 | -9,1 | 8,3 | 18,2 | 27,2 | 29,2 | 27,6 | -1,3 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,5 | 8,1 | -2,2 | -0,7 | 0,6 | 2,6 | 5,5 | 14,6 | 14,0 | 13,4 | 13,1 | 10,9 | -5,2 | -5,2 | -3,8 | -3,8 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ****| **1,3** | **3,0** | **5,9** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,5** | **6,7** | **5,5** | **6,0** | **6,7** | **6,5** | **2,7** | **2,7** | **2,7** | **5,7** | **3,6** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **1,0** | **5,0** | **5,8** | **5,7** | **6,2** | **6,0** | **5,9** | **2,9** | **2,8** | **1,5** | **0,5** | **0,8** | **1,3** | **1,3** | **2,0** | **0,7** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **28,0** | **4,2** | **5,8** | **7,5** | **7,8** | **6,3** | **6,6** | **4,7** | **3,9** | **4,1** | **3,5** | **4,5** | **6,0** | **6,8** | **6,9** | **6,6** | **0,3** |
| Либос ва пойафзол | 12,2 | 13,4 | 4,5 | 2,8 | 3,2 | 2,4 | 3,4 | 2,5 | 4,0 | 4,1 | 4,3 | 5,5 | 7,3 | 7,3 | 7,4 | 6,0 | 0,6 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 1,8 | 4,9 | 8,0 | 8,0 | 6,8 | 7,8 | 8,3 | 7,9 | 3,8 | 4,2 | 2,9 | 5,8 | 5,4 | 5,7 | 5,6 | 5,5 | 0,1 |
| Маводи шустушӯй | 1,5 | 3,3 | 10,1 | 4,6 | 5,2 | 5,1 | 13,6 | 17,9 | 22,6 | 24,9 | 24,2 | 14,7 | 4,6 | 4,8 | 0,6 | -1,5 | -0,2 |
| Доруворӣ | 1,9 | 13,0 | 7,8 | -0,7 | 4,2 | 7,4 | 8,7 | 10,3 | 11,2 | 7,0 | 5,1 | 11,5 | 9,4 | 9,8 | 9,5 | 13,2 | 4,5 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 1,3 | -5,7 | -6,1 | 63,0 | 54,6 | 33,2 | 18,1 | -3,8 | -21,2 | -25,1 | -26,9 | -19,2 | -2,9 | 9,5 | 16,2 | 19,5 | -7,6 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 0,3 | -9,9 | 14,8 | 2,7 | 2,7 | 5,1 | 4,7 | 1,5 | -1,7 | 3,1 | 1,1 | -0,9 | -0,8 | 4,7 | 7,2 | 8,3 | 3,2 |
| Васоити нақлиёт | 0,7 | 0,8 | 3,2 | 2,9 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,1 | 0,1 | 0,1 | 0,7 | 13,2 | 12,5 | 12,7 | 12,7 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 3,8 | 8,8 | 3,7 | 4,1 | 3,2 | 3,1 | 4,9 | 5,4 | 5,3 | 4,8 | 3,7 | 3,5 | 3,0 | 2,6 | 2,5 | 0,0 |
| **Хизматрасониҳо** | **21,5** | **5,5** | **4,0** | **11,3** | **11,5** | **9,9** | **8,4** | **1,3** | **2,0** | **1,9** | **2,1** | **2,7** | **3,6** | **0,1** | **0,6** | **1,2** | **0,0** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 8,1 | 9,1 | 1,8 | 13,1 | 13,2 | 10,1 | 5,2 | -5,3 | 4,4 | 3,2 | 4,3 | 7,5 | 9,1 | -0,1 | 0,4 | 1,7 | -0,7 |
| Иҷорапулии манзил | 0,4 | 2,8 | 6,0 | -1,1 | -0,9 | 3,7 | 4,5 | 5,9 | 7,0 | 8,0 | 3,2 | 3,2 | 2,7 | 2,7 | 1,2 | 1,2 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 1,4 | 4,3 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 5,3 | 16,2 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,7 | 17,7 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,1 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 0,0 |
| Газ | 0,4 | -5,9 | 4,0 | 66,1 | 66,6 | 44,4 | 13,1 | -23,7 | -29,6 | -46,8 | -42,2 | -34,6 | -4,4 | 15,4 | 23,1 | 27,0 | -10,2 |
| Нақлиёт | 3,7 | 3,7 | 3,0 | 22,4 | 22,4 | 19,5 | 19,2 | 9,3 | -1,2 | 0,5 | -0,2 | -1,8 | -3,2 | -5,0 | -4,5 | -4,2 | 0,2 |
| Алоқа | 2,8 | 0,1 | 9,0 | 0,1 | -0,7 | -0,7 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маориф | 2,0 | 1,5 | 9,3 | 7,8 | 8,2 | 8,2 | 8,3 | 0,7 | 1,4 | 1,4 | 1,3 | 1,2 | 3,6 | 2,7 | 3,1 | 3,1 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 15,6 | 0,4 | 0,1 | 0,3 | 1,1 | 2,1 | 2,1 | 2,0 | 1,9 | 1,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 3,4 | 3,8 | 6,7 | 1,7 | 2,8 | 3,2 | 4,1 | 4,5 | 5,0 | 3,9 | 3,9 | 3,5 | 4,3 | 4,1 | 5,1 | 4,8 | 1,3 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо